**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷ. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи инсон – инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назарӣ ва амалии масъалаи ишорашуда мебошад. Дар ҷаҳони муосир баробари ба дунё омадан, кӯдакону наврасон сарфи назар аз нигоҳубину ғамхориҳои атрофиён дар маърази таҳдиду хатароти зиёде қарор мегиранд. Набудани ҳимоя ва ғамхории зарурӣ нисбат ба кӯдакон, дар рушду нумуи шахсияти ояндаи онҳо, муносибати онҳо бо дигар аъзои оила ва атрофиён таъсири манфӣ мерасонад. Тавассути давлатҳои мухталифи дунё дар роҳи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон дар сатҳи байналмилалӣ бо қабули санадҳои гуногуни универсалӣ ва минтақавӣ торафт иқдомоти бештару муассиртар гирифта мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста қайд менамоянд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳкими масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумхурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Кӯдакон имрӯз қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон аз лиҳози таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дорои мақоми афзалиятнок

мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Кӯдакон дар қатори маъюбон, пиронсолон, занони ҳомила ва афроди дорои мушкилоти равонӣ, бештар аз дигарон мавриди бархӯрди хушунатомез дар ҷомеа қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Бинобар доштани хусусиятҳои синну солии махсус, кӯдакон наметавонанд мустақилона ба таври лозим ба монанди шахсони калонсол ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Ба ҳамин хотир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таъсис ва роҳандозӣ шудаанд.

Таъмин ва дастрасӣ ба як зиндагии муносиб барои кӯдакон имрӯз боз ҳам беҳбудиро металабад ва дар ин миён пешрафтҳои умумии бадастомада на ҳамеша ҷавобгӯи талаботи уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалии кишварҳо мебошанд. Ин матлаб дар мавриди вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ новобаста аз он ки Ҳукумати кишвар пайваста барои таъмини дахлдори ҳуқуқи кӯдак чораҳои зарурӣ андешида истодааст, дахл дорад. Зеро масъалаи ҳуқуқи кӯдак минбаъд низ аз мавзуъҳои мубрам ва рӯзмарра боқӣ мемонад ва ба ин далел лозим аст то фаъолиятҳои судманд дар ин самт идома ёбанд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоисозии ҳуқуқи кӯдакро бояд аз рӯйи принсипҳои ҳуқуқи инсон минбаъд низ амалӣ гардонад.

Бояд тазаккур дод, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

- ошкор намудани мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баррасии ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;

- муайян намудани асосҳои конститутсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баррасии таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

- пажуҳиши механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** аз муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба масъалаҳои ҳифз ва таъминии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳое иборат мебошад, ки мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, асосҳои конститутсионии ҳуқуқи кудак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили қонунгузории кишвар, ташкили механизми дурусти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ифода меёбад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кудак» ба ҳисоб меравад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи методҳое ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо мавзуи мавриди омӯзиш қарордошта – ҳуқуқи кудак ва ҳимояи он омӯхта шуда, таҳлил мегардад. Дар рисола усулҳои умумии мантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, индуксия,

дедуксия, муқоиса, аналогия ва абстраксия истифода шудаанд. Илова бар ин, унвонҷӯ усулҳои низомнок, сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, мушаххаси сотсиологӣ, муқоисаи ҳуқуқ, мантиқӣ-расмӣ ва таърихиро истифода бурдааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар ташаккули чораҳои минбаъдаи сиёсати ҳуқуқӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хифз ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак, бо назардошти қабули қонунгузорӣ, дар таҳия ва такмили қонунгузории ватанӣ истифода шаванд. Инчунин, маводи рисоларо дар раванди корҳои илмию таҳқиқотӣ, таълими фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон) ва курсҳои махсус оид ба проблемаҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ва такомули ҳуқуқи кӯдак дар ҷомеа хизмат кунанд.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои асосноки илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мавҷудияти мақолаҳои зиёди илмӣ, маърӯза дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мавзуи таҳқиқшаванда нишон аз пурмаҳсул будани унвонҷӯ ва натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия маҳорати хуби эҷодӣ ва пажӯҳишии муаллифро нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд зикр кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», кори

анҷомёфтаи илмӣ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад ва ба муҳокима ва ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинзода Э.С.

узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Суроға:
734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
м. Буни Ҳисорак,Тел.: (+992) 902557555

Имзои Насриддинзода Э.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«20» 10 2022 с.